«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»,
доктори илмҳои педогогӣ, профессор
_____________ Сафарзода Мунир Ватан
«_01_» _05_____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат мекунад. Дар шиносномаи ихтисоси мазкур масъалаҳои сиёсати иттилоотӣ, самаранокии раванди иттилоотонии давлат ба хотири таъминии анмияти иттилоотӣ, аҳаммият ва зарурияти таҳкими сиёсати иттилоотии давлат дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, низом ва технологияи ташаккули идеологияи сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ ва ғайра, барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисос «Афзудани нақши воситаҳои иттилооти оммавӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, интернет ва сиёсат, масъалаи амнияти иттилоотӣ», «Махсусиятҳои мақом ва нақши ВАО дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Вобаста ба ин, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф ба омӯзиши яке аз масъалаҳои бунёдӣ ва дорои аҳаммияти афзалиятнок дар низоми илмҳои сиёсӣ равона гардидааст. Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди сатҳи истифодабарии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан, муносибатҳои сиёсӣ масъалаи

таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун унсури калидии самаранокии идоракунии давлатӣ аҳаммияти хоса касб менамояд.

Таҳқиқи масъалаи интихобкардаи муаллиф ба шароити нави рушди ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон вобаста мебошад, ки дар он масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва идоракунии равандҳои иттилоотӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо намудаанд. Дар давраи рақобати иттилоотӣ давлатҳо ба зарурати ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва истифодаи самараноки иттилоот барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Аз ин ҷиҳат, баррасии сиёсати иттилоотӣ дар робита бо амнияти иттилоотӣ ва дигаргуниҳои ҷомеа, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули заминаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии сиёсати иттилоотӣ, аз ҷумла қабули санадҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои иттилоотӣ, ба рушди низоми идоракунии давлатӣ бо дарназардошти иттилоот ва воситаҳои иттилоотӣ таъсири назаррас расонидааст, ки омӯзиши илмии он зарурати ҷиддӣ дорад.

Дар баробари ин, аҳаммияти мавзуъ бо зарурати баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ тавассути ҷорӣ намудани равандҳои иттилоотонии ва рақамикунонӣ муайян мегардад. Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ба шаффофият, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ ва баланд гардидани сатҳи ҳамкории давлат бо ҷомеа мусоидат менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеа аҳаммияти калидӣ дошта, ба рушд ва такмили механизмҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ замина фароҳам меорад.

Зарурати муайян намудани дурнамо ва самтҳои афзалиятноки рушди сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои дигри мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳисоб мераввад. Бо дарназардошти афзоиши таҳдидҳои иттилоотӣ, рушди технологияи рақамӣ ва густариши фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, давлат ба таҳияи сиёсати муосири иттилоотӣ, ки ба талаботи замони рақамӣ ҷавобгӯ бошад, ниёз дорад. Муайян намудани роҳҳои такмили механизмҳои идоракунии иттилоот, рушди инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотии аҳолӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун

омили самаранокии идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди минбаъдаи идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» пешниҳод гардидаанд, пеш аз ҳама ба такяи ба заминаҳои устувори назариявӣ ва методологӣ асос меёбад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз консепсияҳо ва назарияҳои муосири сиёсати иттилоотӣ, идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ истифода намуда, онҳоро бо шароити воқеии рушди низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудааст. Истифодаи манбаъҳои илмии ватанию хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи усулҳои таҳқиқоти муосир боиси он гардидааст, ки натиҷаҳои бадастомада дорои эътимоднокии илмӣ ва пайдарҳамии мантиқӣ бошанд.

Ҳамзамон, дараҷаи асоснокии хулосаҳои илмӣ бо истифодаи далелҳои воқеӣ ва маълумоти таҳлилӣ, ки вазъи сиёсати иттилоотӣ ва равандҳои иттилоотикунонии идоракунии давлатиро дар даврai соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамоянд, таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот равандҳои ташаккул ва рушди низоми иттилоотӣ, заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ва нақши онҳо дар баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, дар асоси он хулосаҳои мантиқӣ ва далелнок пешниҳод шудаанд. Инчунин, мутобиқати натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи воқеии низоми идоракунии давлатӣ ва эҳтиёҷоти рушди системаи сиёсии муосир сатҳи баланди асоснокии илмии онҳоро нишон медиҳад.

Дар баробари ин, пешниҳодҳои амалие, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, дорои хусусияти татбиқшавандагӣ буда, ба такмили сиёсати иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотӣ равона гардидаанд. Ин пешниҳодҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, имконияти истифодаи онҳоро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои

марбута фароҳам месозанд. Бо ҳамин, дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти мукаммал ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мегардад ва дорои навоварии илмӣ, аҳаммияти методологӣ ва арзиши баланди амалӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба таври мушаххас пешниҳод гардидааст. Онҳо, пеш аз ҳама, дар таҳия ва таҳлили мукаммали заминаҳои назариявӣ-методологии сиёсати иттилоотӣ ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот моҳият, хусусият ва марҳалаҳои эволютсионии назарияҳои сиёсати иттилоотӣ бо назардошти тағйироти муосири ҷомеаи иттилоотӣ ба таври илмӣ асоснок гардида, сиёсати иттилоотии давлат ҳамчун унсури муҳими идоракунии давлатӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шудааст.

Муаллиф инчунин воқеияти сиёсати иттилоотиро дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, ба он баҳои илмӣ-объективӣ додааст ва равандҳои ташаккул ва рушди сиёсати иттилоотӣ дар низоми идоракунии миллӣ ба таври дақиқ арзёбӣ карда шаванд. Ҳамзамон, саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқот робитаи мутақобилаи сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва технологӣ ба таври илмӣ таҳлил гардида, самтҳои асосии рушди онҳо муайян шудаанд.

Муаллиф дар асоси таҳлилҳои илмӣ меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуда, шароити воқеии ҷорӣ намудани он дар раванди идоракунии давлатиро муайян кардааст. Инчунин, масъалаи самаранокии идоракунӣ дар иртибот бо равандҳои иттилоотикунонӣ мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифта, нақши иттилоотикунонӣ ҳамчун воситаи муҳими баланд бардоштани сифати фаъолияти идоракунӣ бо далелҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ исбот карда шудааст.

Дар баробари ин, навгонии илмии таҳқиқот дар муайян намудани дурнамо ва самтҳои афзалиятноки рушди сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум меёбад. Муаллиф муҳиммияти сиёсати иттилоотиро барои таҳкими низоми идоракунии давлатӣ, такмили

механизмҳои ҳамоҳангсозии иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф пеш аз ҳама дар ғанӣ гардонидани заминаҳои назариявӣ ва методологии сиёсати иттилоотӣ ва идоракунии давлатӣ ифода меёбад. Дар таҳқиқот мафҳум ва моҳияти сиёсати иттилоотӣ ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунии муосир бо назардошти шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба таври илмӣ асоснок гардида, равандҳои ҳамгироии иттилоот ва идоракунӣ дар муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар самти сиёсати иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ истифода шаванд ва ба такмили донишҳои сиёсӣ дар соҳаи иттилоотонӣ, амнияти иттилоотӣ ва идоракунии давлатӣ мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои таҳиягардида ба такмили механизмҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотӣ равона шудаанд.

Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба коҳиши хароҷоти идоракунӣ, баланд гардидани шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин беҳтар шудани сатҳи ҳамкории давлат ва ҷомеа мусоидат намояд. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири сиёсати иттилоотӣ ба баланд гардидани сатҳи фарҳанги иттилоотии аҳолӣ, таҳкими амнияти иттилоотӣ ва рушди ҷомеа замина фароҳам оварда, барои таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ дар шароити муосир аҳаммияти муҳим дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф, пеш аз ҳама, бо воқеият ва саҳеҳ будани маълумоти истифодашуда, инчунин бо кофӣ ва фарогир будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқот маводи ҷамъовардашуда бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили илмӣ коркард шуда, натиҷаҳои бадастомада аз нигоҳи мантиқӣ ва методологӣ санҷида

шудаанд, ки ин ба баланд гардидани сатҳи эътимоднокии натиҷаҳом бадастомадаи раванди таҳқиқот мусоидат намудааст.

Ҳамзамон, интишороти илмии муаллиф оид ба масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот ва баррасии натиҷаҳои асосии он дар муҳити илмӣ далели муҳимми боэътимод будани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили амиқи натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия гардида, бо далелҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ин раванд имкон додааст, ки пешниҳодҳои илмӣ дорои хусусияти мантиқӣ, пайдарҳам ва амалишаванда мебошанд ва ба талаботи воқеии рушди низоми идоракунии давлатӣ мутобиқат менамоянд. Бо ҳамин, натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ саҳеҳ ва асоснок арзёбӣ гардида, имконияти истифодаи амалии онҳо дар фаъолияти идоракунӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ имконпазир мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки мустақим ва фаъоли ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳия, коркард ва таҳлили мавзуи интихобшуда муайян мегардад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар таҳия ва асоснок намудани заминаҳои назариявӣ-методологии сиёсати иттилоотӣ ва муайян намудани моҳият, хусусият ва марҳалаҳои эволютсионии он ифода меёбад.

Муаллиф дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мундариҷавӣ бо истифода аз манбаъҳои илмии ватанию хориҷӣ ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сиёсати иттилоотии давлат ва хусусиятҳои бевоситаи онро ба таври мустақил мавриди омӯзиш қарор дода, робитаи мутақобилаи сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотиро дар шароити дигаргуниҳои ҷомеаи муосир муайян намудааст. Ҳамзамон, воқеияти татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои амалисозии он дар асоси таҳлилҳои илмӣ ҷамъбаст гардида, ба онҳо арзёбии илмӣ дода шудааст. Саҳми мустақилонаи унвонҷӯ дар баррасӣ, таҳлил, хулосагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, инъикос меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳолатҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи

диссертатсия, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза гардидаанд

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия се мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Инчунин аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чор маърӯзаи илмӣ чоп намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, ки фарогири шаш зербоб аст, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Заминаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ» ба таҳлили масъалаҳои бунёдии назариявӣ ва илмии сиёсати иттилоотӣ бахшида шуда, зербобҳои «Сиёсати иттилоотӣ: моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо» ва «Сиёсати иттилоотии давлат ва хусусиятҳои бевоситаи он» ба баррасии паҳлуҳои асосии ин падида равона гардидаанд. Дар доираи ин зербобҳо масъалаҳои шарҳи илмии мафҳум ва моҳияти сиёсати иттилоотӣ, муайян намудани хусусиятҳои асосии он, таҳаввули назарияҳои марбут ба сиёсати иттилоотӣ ва нақши инқилоби иттилоотӣ дар ташаккули ҷомеаи муосир мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, махсусиятҳои сиёсати иттилоотии давлат ҳамчун омили муҳими танзими муносибатҳои сиёсӣ ва идоракунӣ баррасӣ гардида, нақши технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди фазои сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳамкории давлату ҷомеа таҳлил шудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Сиёсати иттилоотӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ» масъалаҳои амалии татбиқи сиёсати иттилоотиро фаро гирифта, зербобҳои «Сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа» ва «Сиёсати иттилоотӣ ва меъёрҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба омӯзиши робитаи мутақобилаи сиёсати иттилоотӣ ва амнияти

иттилоотӣ, инчунин таҳлили заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва ташкилии татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Дар ин қисмат масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамчун унсури стратегии рушди давлат, нақши фазои иттилоотӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва зарурати татбиқи тадбирҳои маҷмуӣ ҷиҳати истифодаи самараноки технологияи рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистон» масъалаҳои марбут ба самаранокии идоракунӣ ва дурнамои рушди сиёсати иттилоотиро дар бар гирифта, зербобҳои «Самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ» ва «Дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳиммияти амаликунонии он» ба таҳлили таъсири равандҳои иттилоотикунонӣ ба баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи сиёсати иттилоотӣ равона шудаанд. Дар ин замина масъалаҳои баланд бардоштани натиҷабахшии идоракунӣ, истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамчун шарти муҳимми рушди низоми идоракунии давлатӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровардa шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф ба ихтисоси илмии 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар баробари муваффақиятҳо норасоиҳо низ ҷой доранд, ки онҳоро дар шакли эрод метавонем пешниҳод намоем:

**1.** Муаллиф дар зербобҳои диссертатсия таҳлилҳои муфассал анҷом додааст, аммо дар баъзеи онҳо хулосаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ натиҷагирӣ нашудааст.

**2.** Муаллиф зимни омӯзиши масъала аз адабиётҳои илмӣ ба таври васеъ истифода намудааст, аммо дар рафти таҳқиқот доираи ками санадҳои меъёрию ҳуқуқиро истифода намудааст.

**3.** Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешавад, ки бартараф ва ислоҳи онҳо зарур ва ба манфиати кор мебошанд.

Дар маҷмуъ, нуқтаҳои зикршуда дорои хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва арзиши илмӣ, навоварӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили минбаъдаи таҳқиқ ва густариши самтҳои илмии баррасишуда хизмат намоянд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Файзов Р.Х. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи сиёсатшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 01.05.2026, №5 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар омӯзгорони кафедраи мазкур иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи сиёсатшиносии
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р.

**Эксперт:**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи
ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи
сиёсатшиносии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Файзов Р.Х.

**Котиби маҷлис:**
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Якубзода Ф.Н.

Имзои Муродова Г.Р., Файзов Р.Х.,
ва Яқубзода Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел/Fax:+992(833-22) 2-35-06
www.kgu.tj. E-mail: info@kgu.tj